Ҳар ки барои пирӯзии дини Аллоҳ биҷангад, ӯ дар роҳи Аллоҳ ҷангидааст

Аз Абумусо (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар бораи марде пурсиданд, ки аз рӯи шуҷоат меҷангад ва марде, ки аз рӯи таассуб меҷангад ва марде, ки аз рӯи риё меҷангад, кадом яке аз онҳо дар роҳи Аллоҳ аст? Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Ҳар ки барои пирӯзии дини Аллоҳ биҷангад, ӯ дар роҳи Аллоҳ ҷангидааст."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар бораи ҳадафҳои мухталифи ҷанговарон пурсида шуд. Кӣ аз ҷасорат, ё аз таассуб, ё барои дидани ҷойгоҳи худ дар миёни мардум ва ё дигар, кадоми инҳо ба хотири Аллоҳ ҷанг мекунад? Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд, ки ҷанговар дар роҳи Аллоҳ касест, ки барои пирӯзии дини Худо биҷангад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/2969